УДК 330.
ББК 65

**АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ТАРАҚҚИЁТИ САНОАТИ МИНТАҚА**

***Қаюмова Муҳайёхон*** – *PhD докторанти курси дуюми ихтисоси "иқтисодиёт" МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров"*

**ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ И ХАРАКТЕРИСТИКИ ПРОМЫШЛЕННОГО РАЗВИТИЯ РЕГИОНА**

***Каюмова Мухайёхон*** - *PhD докторант 2 курса по специальности "экономика" МДТ «ХГУ им. Академика Б. Гафурова»*

**THEORETICAL BASIS AND CHARACTERISTICS OF INDUSTRIAL DEVELOPMENT OF THE REGION**

***Kayumova Mukhayokhon*** – *PhD 2-nd year Doctoral Student in Economics MDT "KSU named aftera acad. B. Gafurov "*

***Калимаҳои калидӣ:*** *иқтисодӣ, иҷтимоӣ, тараққиёт, сармоя, саноат, сиёсат, стратегия*

*Дар мақолаи мазкур асоси муайян намудани хислат ва дараҷаи инкишофёбии дигаргуниҳои ба миён меомада, ки дар иқтисодиёти минтақа ва умуман дар саноат имконпазир мегардад, дида шудааст. Тасаввуроти объективӣ оид ба пешравии ҳолати ба миёномада дар ин соҳаи хоҷагидории минтақавӣ, баҳодиҳии илмии он ба муайян намудани роҳҳои нисбатан дуруст дар ин самти инкишофи соҳаи саноат мусоидат менамояд.*

***Ключевые слова:*** *экономический, социальный, развитие, инвестиция, промышленность, политика, стратегия*

*Данная статья рассматривает предпосылки для определения характера и масштабов изменений, которые произойдут в экономике региона и в промышленности в целом. Объективное понимание прогресса ситуации в данной сфере региональной экономики и ее научная оценка, помогут определить наиболее подходящие пути развития промышленности в этой сфере*

***Key words:*** *economical, social, development, investrent, agreeculture, politic, strategy*

*This article provides a basis for determining the nature and scale of changes that will occur in the economy of the region and in industry in general. An objective understanding of the progress of the situation in this area of the regional economy, its scientific assessment will help determine the most appropriate ways of developing industry in this area.*

Самти минбаъдаи табаддулоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он дар шароити пойдоршавӣ ва гузариш ба рушди иқтисодии устувор аз бисёр ҷиҳат бо ҳадафҳои тараққиёти соҳаи саноат муайян карда мешавад. Дигаргуниҳое, ки дар соҳаи саноат ба миён омада масъалаҳоеро барои баррасӣ пешкаш мекунанд, ин на танҳо бо ҳалли мушкилотҳои мавҷуд буда, балки аз ҷустуҷӯи роҳҳо ва самтҳои тараққиёти соҳаҳои саноат ва дурнамои миёнамӯҳлат ва дарозмуддат вобастагӣ доранд.

"Дар солҳои 2013-2019 ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар 57,3 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ ворид гардидааст, ки қариб 30 миллиард сомонии он сармояи мустақим мебошад.

Тибқи санадҳои қабулшуда ҷалби сармояи хусусӣ бояд афзоиш ёфта, соли 2020 ҳиссаи он нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 10 фоиз расонида шавад.

Солҳои 2013-2019 барои амалисозии афзалиятҳои дар барномаҳо муайяншуда 80 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ татбиқ гардида, ба иқтисодиёти мамлакат зиёда аз 13,2 миллиард сомонӣ сармояи давлатӣ равона карда шудааст.

Ҳоло дар кишвар 66 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ амалӣ шуда истодааст, ки маблағи умумии онҳо 32,4 миллиард сомониро ташкил медиҳад.

Дар соли 2020 татбиқи боз 23 лоиҳаи нави давлатии сармоягузорӣ ба маблағи 3,8 миллиард сомонӣ оғоз меёбад.(1)

Боиси тазаккур аст, ки сиёсати сохторӣ аниқ ва мантиқан хусусиятҳои ин ё он минтақаро ва хусусияти истеҳсолоти соҳаҳои гуногун ва комплексҳои саноатиро инъикос намояд. Ба инобат гирифтани хусусиятҳои инкишофи низоми иқтисодӣ, ба истифодабарии самараноки имкониятҳои мавҷудбуда ва захираҳои пинҳонӣ, ҳамчун шарти асосии амалигардонии муваффақи сиёсати иқтисодии тараққиёти саноати минтақаҳои алоҳида бо шартҳои муайяни хоҷагидорӣ (табиӣ, иқлим, географӣ, таърихӣ, маданӣ ва ғайраҳо) мусоидат менамояд. Ҷустуҷӯи тарзи пойдоршавии онҳо гузронидани таҳлил ва баҳодиҳии ҳолати соҳаҳо истеҳсолоти саноатиро дар назар дорад. Сатҳи самаранокие, ки дар ҷараёни фаъолияти ҳар яки онҳо дастрас гардида аст, аз бисёр ҷиҳат самаранокии иқтисодиёти саноатро ба таври умум муайян менамояд ва зарурати муносибати низомиро доир ба коркарди сиёсати саноатии минтақавӣ тақозо дорад.

Сиёсати саноатии минтақавӣ дар барномаҳои тараққиёти саноат ва соҳаҳои алоҳидаи он инъикос ёфтааст. Аз рӯи мақом ва нақши он дар идоракунӣ, онҳо ба сифати фишанги мутобиқати фаъолият дар ҳама сохторҳои идоракунӣ баромад мекунанд ва ба тараққиёти соҳаи саноат манфиатдор мебошанд. Аз рӯи амали худ бошад, чунин барномаҳо бояд ҳадафҳои тараққиёти саноат ва корхонаҳои алоҳидаро дар миқёси минтақаи мушоҳидашаванда таъмин намоянд. Ба ин вазъият ҳалли масъалаҳои банақшагирӣ ва пешгӯикунӣ, фаъолияти бозорҳои минтақавии мол ва хизматҳои байни минтақаҳо, амалисозии ҳадафҳои худинкишофёбӣ ва худтаъминкунии саноати минтақа, танзими алоқаҳои берунииқтисодӣ ва ғайраҳо мусоидат намуданашон зарур аст. Бо баробари ин, барномаҳои мазкур бояд бехатарии экологиро таъмин намуда, ҳалли истифодабарии муаммоҳои истифодаи захираҳои табииро дар миқёси минтақа ва ҳифзи муҳити атрофро таъмин намоянд.

Гуногуншаклӣ ва бисёрҷабҳагии масъалаҳои амалисозии сиёсати саноатӣ бисёр масъалаҳоро пешбарӣ менамоянд, ки ҳолати ҳозира ва ояндаи саноати минтақаро фаро мегиранд. Дар байни онҳо масъалаи зарурӣ ва принсипиалӣ ин хосият ва пешравии саноат ба ҳисоб меравад, ки дар шароити минтақаи муайян пайдо ва инкишоф меёбад. Ҳалли ин масъаларо мумкин аст, ки аз нуқтаи назари гуногун пайдо намуд, лекин дар ҳама гуна ҳолат он бояд аз амали қонунҳои объективии тараққиёти иқтисодибаромада асос гирад. Ҷиҳати ҳалкунандаи масъалаи мазкур дар ҳолате асос меёбад, ки иқтисодиёт метавонад танҳо самаранок ва ё ғайрисамаранок бошад.

Ҳалли нисбатан маъмули он бо ҷорӣ намудани дараҷаи мутобиқати муносибатҳои моликиятӣ, меҳнат, ташкили такрористеҳсолот дар ягонагии ҳама марҳилаҳои он ва сатҳи инкишофи пояи моддӣ-техникии комплекси саноатии минтақа мушоҳида мешавад. Бо баробари ин бояд талаботҳо нисбати самтҳои навовариҳои техникӣ, инчунин мавқеъи он дар иқтисодиёти бозорӣ ба инобат гирифта шаванд. Дар маҷмӯъ, шаклҳои ташкили истеҳсолот, сатҳи тахассуснокии коргарон, сатҳи инкишофи муносибатҳои бозорӣ (ҳолати инфрасохтори бозорӣ, пояи қонунгузорӣ, маданияти пешбурди бизнес ва ғайраҳо). Пешрафти техника пешравии ҳосилнокии меҳнат ва самаранокӣ дар саноат нисбат ба давраи пештараи таърихӣ муайян карда мешавад.

Аз ин нуқтаи назар, барои коркард ва амалигардонии сиёсати саноатӣ, хусусияти саноати минтақа, ҷавобгӯ будани он ба хислатҳои миллии тараққиёти минтақаҳо, имконпазирии истифодаи муносибатҳои назариявӣ, инчунин умумидавлатӣ ва дигар минтақаҳо дар коркарди барномаҳои иқтисодии инкишофи саноат барои давраҳои гуногун аҳамияти хоса пайдо мекунад.(2, 25-28)

Тараққиёти минтақа ҷараёни мураккаб ва бисёрҷабҳаро ифода мекунад, ки аз мақсадҳои низоми иқтисодии мавҷудбуда вобастагӣ дорад. Таркиби он ниҳоят васеъ буда, рушди истеҳсолот, баланд намудани некуаҳволии аҳолӣ, тағйиротҳо дар тафаккури ҷамъиятӣ ва васеъшавии имкониятҳои одамонро дар бар мегирад. Ҳамаи ин хислатҳои таркибии тараққиёти иқтисодиёти минтақавӣ дар ҳаракати доимӣ қарор дошта, дар амал бо баробари пайдоиши тағйиротҳои прогрессивӣ ифода меёбанд. Бо баробари ин, тараққиёти минтақа омили асосии тараққиёти мамлакат ба ҳисоб меравад.

Дар замони муосир суръати тағйирёбӣ ва васеъшавии донишҳо чунон зиёд гаштаанд, ки барои коркарди нақшаи фаъолият барои мӯҳлати дуру дароз ва ё стратегияи ҳама гуна объект зарур ба ҳисоб мераванд. Ҳамаи ин барои қабули қарори дурусти идоракунӣ хизмат намуда, барои дарёфти роҳҳои амал намудани корхонаҳо, соҳаҳо ва минтақа мусоидат менамояд. Ба ғайр аз ин, стратегияи тараққиёт ба пастшавии хавф дар ҳолати қабули қарорҳои идоракунӣ хизмат мекунад. Аз чунин мавқеъ стратегияи тараққиёти иқтисодӣ бояд маҷмӯи мақсадҳоро васеъ гардонад ва гузаришро ба тавсифҳои сифатии тағйиротҳои иқтисодӣ ҳавасманд гардонад. Танҳо дар чунин муносибат ба коркарди стратегия мумкин аст, онро ба сифати асос ва

пурракунандаи барномаи сиёсати иқтисодии миёнамӯҳлат мушоҳида намуд, ки аз тарафи мақомотҳои олии ҳокимияти минтақавӣ амалӣ карда мешаванд. Дар ин сатҳ нишондодҳои баҳодиҳии натиҷаҳои фосилавии амалигардонии барномаҳои ҳукуматӣ ташаккул меёбанд, ки аз мақсадҳои стратегии тараққиёти иқтисодии минтақа бармеоянд.

Агар дар асоси стратегия мақсадҳои баланд ва ҳамзамон, баррасишаванда қарор гирифта бошанд, чунин вазъият имконпазир мешавад. Масалан, мақсади стратегӣ метавонад мубаддалшавии минтақа ба низоми инкишофёбанда баромад кунад, ки дар ҳосилнокии баланди меҳнат ва афзуншавии фаъолияти корӣ такя карда бошад. Бо баробари ин бояд дар назар дошт, ки шароитҳои махсуси табиӣ-иқлимӣ ва географӣ, ҳамчун имконият ва ноилгардӣ ба стандартҳои баланди зиндагонӣ ҳамчун натиҷаи амалигардонии стратегияи тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ баромад намояд.

Чунин муносибат ба коркарди стратегия ба тамоюл ва ҳолати иқтисодиёти миллии Тоҷикистон ва минтақаҳои он ҷавобгӯ мебошад, ки аз стратегияи чоруми миллӣ-саноатикунонии босуръати кишвар бармеояд. Дар ин самт мавҷудияти омилҳои манфӣ низ ба назар мерасанд: пурра коркард нашудани танзими нархии иқтисодиёт, мавҷуд набудани бозори муташаккили воситаҳои истеҳсолот, идоракунии ғайрисамаранок дар ҳама сатҳҳои хоҷагидорӣ. Аммо амалӣ намудани онҳо оҳиста-оҳиста суст шуда истодаанд.

“Мо бояд ба рушди бахши хусусӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир карда, заминаи ягонаи ҳуқуқиро барои ҳамаи иштирокчиёни фаъолияти иқтисодӣ, сарфи назар аз шакли моликияти онҳо, муҳайё созем.

Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, вазорату идораҳо ва роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки бо истифода аз захираву имкониятҳои иқтисодии кишвар фаъолияти худро ҷиҳати беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ ва истифодаи воситаҳои дастгириву ҳавасмандгардонии соҳибкорон ҷоннок намоянд.

Инчунин, ҳамкориро бо ширкатҳои ватаниву хориҷӣ бо мақсади ҷалби сармояи мустақим барои ташкили корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсолӣ, бахусус, дар соҳаҳои саноати сабук ва хӯроквории тақвият бахшанд (1).

Бо баробари ин, ҳадафҳои аниқ ва мақсадҳои дастрасшаванда нисбат ба ҳолатҳои умумӣ аҳамияти аслӣ доранд. Новобаста ба ҳолати ҳаракати ҷараёнҳои алоқаманд ва ба ҳам вобастагии иқтисодӣ, ҳар як минтақа дар сатҳи гуногуни тараққиёт қарор дорад. Мувофиқан, муайян намудани самти стратегияи тараққиёт аҳамияти хоса пайдо мекунад. Аз ин ҷиҳат бояд тағйиротҳои ба миён меомада дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат ва минтақа ба инобат гирифта шаванд. Дар марҳилаи муосири тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ масъалаи наве ба миён меояд, ки маънои он гузариши минтақа ба самти пешравӣ ва инкишофро дорад.

Ҳалли чунин масъала бояд ба коҳишёбии вобастагии иқтисодиёти минтақа равона карда шавад, ки мустақилияти тараққиёти иқтисодиро дар назар дорад. Аз рӯи таъинот он бояд дастрасии чунин вазъияти иқтисодии минтақаро таъмин намояд, ки имконияти нисбатан пурра истифода бурдани иқтидори мавҷударо барои бартарафсозии ақибмонӣ дар инкишофи инфрасохториро дар назар дошта, пайдоиши истеҳсолоти муосир, ҷойгиркунии оқилона ва истифодаи самараноки кувваҳои истеҳсолкунандаро дар назар дошта бошад. Ҳамзамон пойдоршавии стратегӣ бояд таъсиси чунин муҳити иқтисодӣ баромад кунад, ки дар он фаъолияти соҳибкорӣ барои иштирокчиёни ватанӣ ва хориҷӣ нисбатан фоидаовар ва бехатар бошад. Бо ибораи дигар иқтисодиёти минтақаи вилояти Суғд бояд минтақаи диққаталабкунанда барои инвеститсияҳои хориҷӣ ва ҷойгиркунии онҳо мубаддал карда шавад.

Дар ин васила ҳангоми коркарди стратегияи тараққиёти иқтисодӣ бояд ба имкониятҳои ҷалби ҳама захираҳо ва омилҳои дар минтақа мавҷуд буда такя намудан зарур аст. Дар ин ҷода истифодабарии ҷойгиршавии географии минтақа, ки пеш аз ҳама ба таъсиси инфрасохтор мусоидат менамояд зарур аст, зеро дар асоси ташкили алоқаҳои васеъи иқтисодӣ бо дигар минтақаҳо соҳаҳои иқтисодиёти минтақа тараққӣ мекунанд. Мисол, мавҷудияти роҳҳои автомобилгард, роҳи оҳан ва ғайраҳо имконият медиҳанд, ки иқтисодиёти минтақаи вилояти Суғд на танҳо бо минтақаҳои иқтисодиёти миллӣ, балки бо иқтисодиёти ҷаҳонӣ ҳамгирой шуда, дар тақсимоти дохилии меҳнат ва тақсимоти байналхалқии меҳнат ишитрок намуда, байни минтақаҳои кишвар ва дигар кишварҳо барои ҳаракати мол, хизматҳо, технология ва сармоя мусоидат менамояд. Ҳамаи ин гуфтаҳоро бояд ба таври пурра ҳангоми коркарди стратегияи тараққиёти иқтисодии минтақа ба инобат гирифта шавад.(3, 44)

Амали аслии омили географии инкишофи иқтисодиёти минтақа пеш аз ҳама, ҳангоми ташаккули сохтори нави хоҷагии халқ ифода ёфта, дар чунин самтҳо амалӣ карда мешавад:

- васеъшавӣ ва такомули соҳаи махсусгардонии савдо;

- мустаҳкамгардонии самти бисёрҷабҳагии алоқаҳои хоҷагидорӣ дар макони иқтисодӣ;
- васеъшавӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ-иқлимӣ;
- инкишофи соҳаи саноати коркард.

Ҳамаи ин ба сифати афзалияти тараққиёти иқтисодӣ махсусгардониро дар асоси ташкили савдои байналхалқӣ ва такомули тақсимоти дохилимамлакатии меҳнат тақозо менамояд. Аз ин ҷиҳат ҷараёни умумии хислати стратегӣ дошта, марҳилаҳои амалигардонии муносибатҳои байниминтақавӣ ва берунииқтисодиро пайдо мекунад. Дар чунин ҳолат дар минтақаҳо оҳиста-оҳиста шартҳои барои инкишофи соҳаҳои саноат мусоидаткунанда таъсис дода мешаванд. Ҳолати мазкур бо моҳияти махсусгардонӣ асоснок карда мешавад, ки дар он ҳаракати молҳо бо коркарди саноатӣ алоқаманд мебошад. Мустаҳкамгардонии бисёрҷабҳагии алоқаҳои хоҷагидорӣ барои баланд намудани рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ шароит фароҳам меоварад.

Иҷроиши муваффақи муаммоҳои дар боло зикр шудаи тараққиёти иқтисодии минтақа аз бисёр ҷиҳат аз баҳодиҳии шартҳои ибтидоии рушди минбаъдаи истеҳсолот ва иқтисодиёт дарак медиҳад.

Дигар ҳолати зарурии муайян намудани самти тараққиёти стратегии иқтисодиёти минтақа ин соҳаҳои хоҷагии халқ баромад мекунад. Ба таври назариявӣ он мавудияти чунин намудҳои стратегияи миёнамӯҳлатро асоснок менамояд (2, 34)

- ҷустуҷӯ, коркард ва аз худ намудани қисматҳои нави бозори истеъмолӣ;
- дастгирии оддӣ ва истифодаи ҳадди аксари иқтидори мавҷуд будаи истеҳсолӣ;
- сохтмони нави корхонаҳои саноатӣ илова бар нигоҳдории иқтидорҳои мавҷуд буда;
- азнав таҷҳизонидани корхонаҳои амалкунанда дар соҳаҳои истеҳсолӣ;
- инкишофи иқтидори содиротӣ;
- таъмини бехатарии иқтисодии минтақаҳо;
- истифодабарии технологияҳои пешқадам;
- инкишофи комплексии иқтидори истеҳсолӣ дар сатҳи соҳаҳо.

ПАЙНАВИШТ

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2019 (санаи муроҷиат 22.01.2020)
2. В.В Митенев-экономика региона: / Проблемы перспективы развития (октябр-ноябр) 2006, с. 21-24
3. Лукин Е.В., Ларионов А.О. Промышленность региона: Состояние и проблемы развития 2015, с. 38 - 44
4. Набиев Р. А. Финансовая политика России / Р. А. Набиев,Г.А. Тактаров, Р. К. Арыкбаев, Е. Н. Вахромов, Т. Ф. Локтева, А. Р. Набиева, В. В. Чалов. М.: Финансы и статистика, 2008, с. 25-28
5. Курбанова У.А. Реструктуризация управления промышленностью региона / У. А. Курбанова // Вопросы структуризации экономики. 2014. № 1, с. 31-33

REFERENCES

1. Message of the President of the Republic of Tajikistan dated December 26, 2019 (date of treatment 01/22/2020).
2. Mitenev V.V. - Economy of the region: problems of development prospects (October-November) 2006, p. 21-24
3. Lukin E.V., Larionov A.O. Industry of the region: State and development problems 2015, p. 38-44
4. Nabiev RA Financial policy of Russia / RA Nabiev GA Taktarov, RK Arykbaev, EN Vakhromov, TF Lokteva, AR Nabieva, VV Chalov. M .: Finance and statistics, 2008, p. 25-28
5. Kurbanova Yu.A. Restructuring of the production management of the region / U. A. Kurbanova // Structuring the economy. 2014. No. 1, p. 31-33